# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи “Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст**

Диссертатсияи унвонҷӯй Риоев Акобир Мирзоевич ба масъалаи муҳими илми педагогикаи ватанӣ – “Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” бахшида шудааст. Лозим ба таъкид аст, ки ин ташабуси муаллифи диссертатсия ба низоми омодагии касбию педагогии устодон ва омӯзгорони фанни технология (таълими мещнат) дар заминаи истифодаи технологияи муосири педагогӣ ба таълим такони муассир бахшида, барои рушди касбияти онҳо чун омили пешбарандаи ҷараёни таълиму тадрис шароити мусоид фароҳам меорад.

Муҳаққиқ бо дарназардошти мавҷудияти асосҳои бунёдӣ ва назариявии мавзӯи таҳқиқот барраси кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо баррасӣ ва ҳаллу фасл кардааст. Махсусан истифодаи технологияи муосири педагогӣ дар раванди таълими технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Боиси қайд аст, ки ташкили раванди таълим дар асоси технологияҳои навини таълимӣ аз масоили муҳимми таҳсилот буда, ин раванд дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) имкон медиҳад, ки масъалаҳои таълими рушддиҳанда дар сатҳи баландтар ҳал карда шаванд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълим омӯзгор бояд дониш ва методикаву технологияҳои муосири таълимро дар сатҳи баланди муносибати босалоҳият аз худ намояд, амсилаҳои иттилоотиро таҳлилу

таҳия карда тавонад, бо ёрии компютер баҳогузорӣ намояд, аз уҳдаи коркарди иттилооти графикӣ барояд ва ҷадвалҳои электрониро истифода бурда тавонад.

Ин масъала дар таҳқиқоти мазкур пурра мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамаҷониба таҳқиқи худро ёфтааст. Муаллиф бо таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ такя намуда масъалаи мазкурро дар доираи илмӣ мавриди таҳқиқи худ қарор додааст.

Зиёда аз ин дар таҳқиқоти мазкур масъалаи ба миён гузошта шуда аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва методӣ асоснок гардида, имкониятҳои педагогии ба кор бурдани усулҳои нави таълим дар раванди омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) дар МТМУ шарҳ дода шудааст.

Мақсади гузошташудаи муаллиф ба мавзуъ ва мазмуни он мувофиқ буда, ҷиҳати расидан ба он аз ҷониби муаллиф вазифаҳои мушаххас гузошта шудааст.

Шиносоӣ бо автореферати диссертатсия собит месозад, ки маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи онро ғояи муаллиф дар бобати коркарди низоми методии амалинамоии технологияи муосири таълим дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) ҳамчун як проблемаи томи илмӣ-методологӣ дар заминаи принсипҳои дидактикӣ ва амсилаи педагогӣ ташкил медиҳад.

Системаи пешниҳодгардидаи муаҳақиқ натиҷаҳои хуб ба бор овардани истифодаи технологияи нави таълим ҳангоми дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар МТМУ чунин шартҳоро тақозо менамояд: фароҳам овардани заминаҳои таълимӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ; мушаххас намудани усулҳои тарбия ва татбиқи технологияҳои пешрафтаи таълим дар асоси мафҳуми таълимии ба шахс нигаронидашуда дар рафти дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар МТМУ; дақиқ ва мушаххас намудани мавқеъ ва аҳамияти воситаҳои муосири таълим дар ташаккул ва инкишофи шахсияти эҷодии хонандагон ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар раванди

дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар МТМУ; таҳияи маводи методӣ оид ба истифодаи технологияҳои муосиру инноватсионии таълим бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат), инчунин, маҷмуи маводи таълимию методӣ роҷеъ ба роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои технологии хонандагон коркард ва пешниҳод карда шавад, ки барои азхудкунии методҳо ва ташаккули салоҳиятҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар МТМУ фазои мусоид фароҳам оварад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада, таъмин мегардад.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот; мӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими фанни технология (таълими меҳнат) ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ; муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва моҳияти истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълими фанни технология (таълими меҳнат) ва дониши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ; таҳия ва пешниҳоди дастури методӣ ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон доир ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) ва гузаронидани кори таҷрибавию

озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи таҳқиқот инъикос мегардад.

Ба андешаи мо, таҳқиқоти мазкур таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад. Он ба талаботи давру замон бобати ҷустуҷӯи роҳу усулҳои пешқадами таълим, хоса ба таълими фанни технология (таълими меҳнат) созгор ва мувофиқ маҳсуб меёбад.

Дар матни автореферат гоҳо хатоҳои услубӣ, имловӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешавад, ки ислоҳпазир буда, ба арзиши амалии кор таъсири манфӣ намерасонад.

Хулоса дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда унвонҷӯй далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф дар самти тадқиқоти мазкур аз адабиёти илмии зарурӣ огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи мавзуъро дар робита бо истифода аз технологияи муосири педагогӣ мувафаққона анҷом додааст.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Риоев Акобир Мирзоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Тақриздиҳанда:** Маҳмадалиев Эраҷ Шукруллоевич, номзади илмҳои педагогӣ, сaромӯзгори кафедраи методикаи таълими технологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 917-

10-20-38; e-mail: erach.maxmadalieev@mail.ru;

_________________ **Маҳмадалиев Э.Ш.**

Имзои Э. Маҳмадалиевро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ва КМ

ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

15. 10. 2025

Суроғаи муассиса:

735140, ш. Бохтар,

кӯчаи Айнӣ, 67

Тел: 8(3222)2-54-81,2-22-53;

Почтаи электронӣ- bgu-1978@mail.ru;